# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи: **«Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ – сиёсии Ибни Боҷҷа»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.

Асрҳои IX – XV ба инкишофи фалсафаи ҷаҳонӣ чеҳраҳои муассири фикриро рӯи саҳна овардааст , ки ибни Боҷҷа яке аз машҳуртарин симои ин давра ба ҳисоб меравад. Воқеан Ибни Боҷҷа аз зумраи он файласуфони бузурги олам аст, ки бо таълифоти пурбаҳои фаровони худ дар пешрафти фалсафаи ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштааст. Мактаби машшоияи шарқӣ, аз ҷумла таълимоти А. Форобӣ ва А.И.Сино дар симои ин донишманд дар кишварҳои Ғарб паҳн гардидааст. Чи хеле, ки ба ҳамагон маълум аст, дар асрҳои миёна барои тараққиёти илм ва фалсафа назарияи сабабият, робита ва тағйироти кулли ҳодисаҳои олам аҳамияти хоса дошт. Инби Боҷҷа дар заминаи таълимоти ибни Сино ва Абунасри Форобӣ тадқиқотҳои назаррасро доир ба ин масъалаҳо анҷом дода, барои фаъолияти амалӣ дар ин соҳаҳо роҳро ҳамвор кардааст.

Маҳмадизода Н.Д дар автореферати худ тавонистааст, ки дар асоси тадқиқотҳои мавҷуда заминаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули афкори фалсафии Ибни Боҷҷаро ошкор намуда, нақши ӯро дар дар пешрафти фалсафаи ҷаҳонӣ муайян намояд.

Аз автореферат маълум мегардад, ки сохтори диссертатсия ба ҳамаи талаботҳои пешниҳодшуда барои диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯй буда, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт и иборат мебошад. Дар муққадимаи кори диссертатсионӣ мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда, сатҳи пажӯҳиши мавзӯъ, навоварии илмии он асоснок шуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида,

аҳамиятнокии назариявӣ ва амалишавии таҳқиқот ошкор карда шуда нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда баён гардидааст.

Дар боби аввал **«Заминаҳои ғоявӣ, фалсафӣ, таърихии ташаккули афкори фалсафӣ иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Боҷҷа »** - диққати асоси ба вазъи иҷтимоӣ-сиёсии замони Ибни Боҷҷа, заминаҳои фарҳангӣ ва илмии давраи мутафаккир ва сарчашмаҳои ғоявии ташаккули таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа равона шудааст. Нуқтаи муҳими гуфтори диссертант аз он иборат аст, ки новобаста аз шароити сахти иҷтимоӣ-сиёсии замонаш, Ибни Боҷҷа имконият ёфт, ки барои пешрафти илм ва фалсафа таълифоте пурарзише эҷод намояд. Дар ҳамин замина, қайд гардидааст, ки асарњои мутафаккирони атиқа мавриди омўзиши дақиқи файласуф қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюм **«Таълифоти фалсафӣ ва иҷтимоӣ – сиёсии Ибни Боҷҷа»** - масъалаҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ дар низоми фалсафии Ибни Боҷҷа, таълимоти Ибни Боҷҷа оид ба моҳияти шахсият ва ҷомеа ва фалсафаи амалии Ибни Боҷҷа таҳлил ёфта, қайд карда мешавад, ки моҳияти ақидаи ӯ роҷеъ ба ин масъала дар асараш “Китоб ун – нафс” хуб ифода ёфтаанд.

Қайд карда шудааст, ки улуми иҷтимоӣ он намуди амалу рафторҳоеро мавриди омузиш қарор медиҳад, ки ба ирода асос ёфтаанд: хислатҳо, феълу рафтор, сифатҳо ва хусусиятҳои модарзодӣ, ки амалҳо ва рафторҳои номбурда аз онҳо бармеоянд.

заминаҳои амалҳои ифротгароӣ на фақат, дар муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ, балки дар худи ботини инсон низ зухур меёбанд ва ин зухурот бештар аз рӯи хусусиятҳои равонии инсон муайян мегардад.

Нуқтаи назари диссертант аз он иборат аст, ки фалсафаи Ибни Боҷҷа дар рушди фалсафаи шарқӣ дар Андалусия таъсири таъсири амиқ расонид. Дар маҷмӯъ автореферати Назаров С.Т дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст. Ин як тадқиқоти мукаммал ва ягон дар бораи таълимоти фалсафии Ибни Боҷҷа буда, бо таҳлилҳои илмии худ фарқ мекунад. Мақсад ва

вазифаҳои гузоштаи диссертант ҳали худро ёфта, натиҷаҳои ба даст овардашуда асоснок карда шуда, аҳамияти назариявии тадқиқот барои доираи васеъи кормандони соҳаи таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсат манфиатовар мебошанд.

Новобаста аз муваффақиятҳо, дастоварду далелҳои илмӣ кори диссертатсионии Назаров Саъдулло Турахонович аз камбудиҳо ва таклифу пешниҳодҳо орӣ нест, ки онҳоро метавон ба таври зайл иброз намуд:

1. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд.
2. Дар диссертатсия матнҳои такрорӣ (саҳ 10, 11, 12, 21, 23, 24 ) мушоҳида гардидаанд.
3. Хуб мешуд, ки муаллиф ҷаҳонбинии мутафаккирро муайян мекарданд, чунки дар рисола қайд гардидааст, ки Ибни Боҷҷа дар як маврид таълимоти намояндагони машшоияро ҷонибдорӣ карда, дар мавриди дигар муқобили онҳо баромад мекунад.

Аммо камбудиҳои зикргардида аҳамияти илмии диссертатсияро коҳиш надода, хусусияти тавсиявӣ дошта, он кори ба анҷомрасида ҳисобида мешавад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Назаров С.Т дар мавзӯи: «**Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ – сиёсии Ибни Боҷҷа**», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа, ба талаботҳои пешниҳодкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст мувофиқат карда, муаллифи он, бешак барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сазовор мебошад.

Тақриз ба автореферати диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат 23.04. 2021 сол, протоколи №10 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

**Мудири кафедраи ҷомеашиносии**
**Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ**
**ва хизмат, номзади илмҳои фалсафа., дотсент** **Ф.Қ. Ҳаитов**

**Нишона:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел.: +992(37) 234-88-02
http:// www.dsx.tj

**Имзои Ф.Қ. Ҳаитовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсус** **Ш.Н. Ҷураев**